# ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

Воҳидҳои фразеологӣ яке аз унверсалияҳои забон маҳсуб ёфта, ба нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ зебоӣ, обуранги бадеӣ ва фасоҳатро зам менамоянд. Онҳо низоми махсуси луғавии забон ба шумор рафта, нигоҳдорандаи ҳикмату фарҳанги халқ мебошанд. Аз ин сабаб таҳлили сохторӣ ва маъноии онҳо аз madди назари забоншиносон дур намондааст.

Дар забоншиносии тоҷик таваҷҷуҳ ба таҳқиқи воҳидҳои фразеологии забонамон ҳанӯз аз нимаи аввали асри XX шуруъ шуда буд. Аммо таҳияву ва нашри корҳои илмӣ-тадқиқотии махсуси ба системаи фразеологии забони тоҷикӣ бахшидашуда пас аз солҳои 70-ум рӯи кор омаданд. Дар ин марҳилаи начандон зиёд рисолаҳои илмӣ, китобҳои таълимӣ ва фарҳангҳои фразеологӣ омодаву нашр гардиданд.

Солҳои охир таваҷҷуҳи забоншиносон ва муҳаққиқони ҷавон ба таҳқиқи масоили фразеология дар доираи ду ва ё якчанд забонҳо афзудааст. Бештари ин корҳо диссертатсияҳои номзадиву докторӣ буда ба таҳқиқи муқоисавии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ бо дигар забонҳо бахшида шудааст. Омӯзиши воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои муқаррар намудани моҳияти объекти тадқиқшаванда, таъйини хосиятҳои умумиву хоси онҳо ва дар ин замина нишон додани қонуниятҳои забонҳои муқоисашаванда равона карда шудааст.

Диссертатсияти Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология пешниҳод шудааст, баррасии хусусиятҳои типологии сохториву маъноии воҳидҳои фразеологиии исмии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар бар гирифта, ба яке аз мавзуъҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ бахшида шудааст.

Оид ба мавзуи диссертатсия 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми он 173 саҳифаи чопи компютериро ташкил менамояд.

Дар диссертатсия маводи фаровони илмӣ, адабӣ ва фарҳангҳо истифода шуда, таҳқиқи мукаммали фразеологизмҳои исмии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ анҷом дода шудааст. Мазмун ва мухтавои диссертатсия баланд буда, банду басти он дуруст ба роҳ монда шудааст.

Дар **муқаддима** мубрамияти таҳқиқи воҳидҳои фразеологӣ ва дараҷаи омӯзиши мавзуи мавриди назар тавзеҳ дода шудааст. Дуруст аст, ки дар забоншиносии муосир воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор нагирифтааст ва ин аввалин рисолаест, ки ба таҳқиқи муқоисавии воҳидҳои фразеологии навъи исмӣ бахшида шудааст. Воҳидҳои фразеологии исмӣ яке аз навъи сершумору сермаҳсул дар забонҳои муқоисашаванда ба ҳисоб рафта, дар нутқ ба таври васеъ истифода мешаванд. Таҳлилу баррасии онҳо аз нуқтаи назари муқоисавӣ ва дар ин замина ошкор намудани монандиву тафовути сохториву маъноии онҳо барои илми забоншиносӣ аз аҳамият холӣ нест.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявии таҳқиқи воҳидҳои фразеологӣ дар забоншиносӣ»** ном гирифта он аз се фасл иборат аст. Диссертант аз таърихи омӯзиш ва таҳаввули фразеология ин бобро шуруъ менамояд. Қисми назариявии диссертатсия маълумотҳои муҳимро фарогир буда, аз таҳлилу шарҳи адабиёт бар меояд, ки муаллиф китобҳои зиёди илмиро барои кори таҳқиқотӣ ҷамъоварӣ ва мутолиа намудааст. Боби мазкур манбаъҳои зиёди пурарзиши фразеологияро фаро гирифта, муҳаққиқ онҳоро мухтасар, возеҳ ва бо тартиб таҳлилу баррасӣ кардааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Таҳлили сохторию грамматикии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои муқоисашаванда»** унвон гирифтааст. Ҳангоми ба роҳ мондани ҳама гуна тадқиқоти илмӣ ифшо намудани тамоми паҳлуҳои объекти тадқиқшаванда ба натиҷа ва ҳалли масъалаи дар пеш гузошташуда таъсири мусбат мерасонад. Бояд зикр намуд, ки воҳиди фразеологӣ ду паҳлу дорад – маъно ва шакл. Қисмати берунӣ, яъне шакли он дар боби мазкур омӯхта шудааст.

Дар корҳои забоншиносон омӯзиши сохтории фразеологизмҳо ба таври мухталиф сурат гирифтааст. Дар диссертатсияи мазкур бошад воҳидҳои фразеологии исмӣ аз рӯйи принсипи калимаи меҳварӣ гирдоварӣ ва қолаббандӣ гардидаанд.

Бо ин тарз таҳлил ва омӯзиши хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ қобили таваҷҷуҳ аст. Аҳамияти ин тарзи таҳлили сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар он аст, ки ҳамаи ҷузъҳои фразеологизмҳо ба назар гирифта мешаванд ва нақши ҳар яки онҳо, ки дар ташкили воҳидҳои фразеологӣ муҳиманд, аз назар дур намемонад. Тавассути қолабҳои коркардшуда ошкоро умумияту фарқиятҳои воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои муқоисашавандаро дидан мумкин аст.

Дар боби сеюми диссертатсия **«Хусусиятҳои луғавию семантикии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар фаслҳои боби сеюм ҷиҳатҳои муҳими воҳидҳои фразеологии исмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Аз ҷумла сарчашмаҳои бавуҷудоии воҳидҳои фразеологии исмии аслӣ, иқтибосӣ ва масъалаҳои сермаъноӣ, муродифшавию мутазодшавии воҳидҳои фразеологии исмӣ,

воҳидҳои фразеологии исмии маҷозӣ ва хосиятҳои маънoии онҳо таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Натиҷаи таҳлилу таҳқиқи мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» дар хулосаи диссертатсия дарҷ гардидааст.

Дар баробари муваффақияти илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки ислоҳ гаштани он ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар боби якуми диссертатсия ба масъалаҳои умумии фразеология маълумоти зиёд дода шудаанд. Хуб мешуд, ки муаллифи диссертатсия ба масъалаҳои муқоисавии фразеология аҳамияти бештар зоҳир менамуд.
2. Роҳҳои иқтибосшавии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои муқоисашаванда ба таври дақиқ пешниҳод мегардид боз беҳтар мешуд.

Қобили зикр аст, ки камбудиҳои зикршуда мазмун ва мундариҷаи диссертатсияро коста намегардонанд.

Хулоса, диссертатсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» мувофиқ ба талаботҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардида, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Муқарризи холис, н.и.ф, дотсенти
кафедраи методикаи
таълими забони англисии
факултети забони англисии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Комилов Мирато Миршаробович

Тел.: (+992) 93 869 95 66
Суроға: ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 121
734003
E-mail: miratokomilov@yahoo.com

«Имзои М. Комиловро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ Назаров Д. Қ.

28. 05. 2022